АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info 07-@ahd.tj

**№ 02-970 аз «15» апрели соли 2021**

**Ба №______ аз «___» ________ соли 20__**

Вазорату идораҳо
(тибқи рӯйхат)

Мавзӯъ: Дар бораи пешниҳоди лоиҳа барои мувофиқа

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2021, №8119(21-3) бо пешниҳоди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳия гардида, он мувофиқи моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасӣ ба Шумо ирсол карда мешавад.

Хоҳишмандем, баррасӣ ва хулосаи худро дар мӯҳлатҳои наздик пешниҳод намоед.

Замима: Лоиҳа бо забонҳои тоҷикию русӣ ва асоснокунии он дар 10 саҳифа.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Давлатов Ҷ.М.

## АСОСНОККУНИИ

лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Лоиҳаи мазкур аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи дастури Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марти соли 2021, №8119(21-3) бо пешниҳоди Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 феврали соли 2021, №2-2-218 бо мақсади иҷрои банди 15 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2021, №1 таҳия карда шудааст.

Дар робита ба ин дар лоиҳаи мазкур пешбинӣ гардидааст, ки сархати ҳаштуми моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона озод гардида бошад;».

Тағйироти мазкур ҷиҳати пешгирии фаъолияти шахсони тасодуфӣ дар мақомоти давлатӣ, бахусус дар бахши иқтисодӣ ва бознигарӣ кардани талаботи қонунгузорӣ дар самти ба кор қабул намудани шахсоне, ки қаблан таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор гирифтаанд, пешбинӣ гардидааст.

Ҳамчунин дар лоиҳа тағйироти дигар низ пешбинӣ гардидаанд. Аз ҷумла, дар сархати чордаҳуми қисми 1 моддаи 6 иваз намудани калимаи «идораҳои» ба калимаи «мақомоти» пешбинӣ карда шудааст. Пешниҳоди мазкур бо мақсади таъмини мувофиқати Қонуни мазкур ба талаботи сархати чоруми қисми 1 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид карда мешавад.

Ҳамзамон, дар лоиҳа сархати дуюми қисми 3 моддаи 13 дар таҳрири «-маълумот дар бораи супоридани эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи молумулкӣ;», дар моддаи 17[1] калимаҳои «эъломияҳо дар бораи даромад ва вазъи молумулкиаш» ба калимаҳои «эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи молумулкӣ», дар ном ва матни моддаи 31 калимаҳои «Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии» ба калимаҳои «Эъломиякунонии андоз аз даромад ва вазъи молумулкии» иваз карда шудаанд, ки тағйироти мазкур аз талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд.

Бо мақсади таъмини мувофиқат ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 августи соли 2020 №1714 «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» дар лоиҳа дар сархати нуҳуми моддаи 16 ва моддаи 31 калимаҳои «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ба калимаҳои «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» иваз карда шудаанд.

Лоиҳаи мазкур аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.

Бо асосҳои дар боло зикргардида лоиҳаи мазкур барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳа

Қарори
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»

Мутобиқи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р   м е к у н а д:

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» маъқул дониста шуда, ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Лоиҳа

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ»

Моддаи 1. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод.166; №6, мод.429; с.2010, №3, мод.158; с.2011, №6, мод.452; с.2012, №8, мод.834; №12, қ.1, мод.1008; с.2013, №7, мод.542; №12, мод.905; с.2014, №7, қ.2, мод.425; с.2015, №12, қ.1, мод.1106; с.2016, №3, мод.156; с.2017, №1-2, мод.28; мод.29; №5, қ.1, мод.290; с.2018, №7-8, мод.526; с.2019, №4-5, мод.225; с.2020, №1, мод.18) тағйироти зерин ворид карда шавад:

1. Дар сархати чордаҳуми қисми 1 моддаи 6 калимаи «идораҳои» ба калимаи «мақомоти» иваз карда шавад;

2. Сархати дуюми қисми 3 моддаи 13 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-маълумот дар бораи супоридани эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи молумулкӣ;».

3. Сархати ҳаштуми моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«-агар барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё бо асосҳои ғайрисафедкунанда аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани ҷиноятҳои қасдона озод гардида бошад;».

4. Дар сархати нуҳуми моддаи 16 ва моддаи 31 калимаҳои «Дар бораи мубориза бар зидди корупсия» ба калимаҳои «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи $17^1$ калимаҳои «эъломияҳо дар бораи даромад ва вазъи молумулкиаш» ба калимаҳои «эъломия оид ба андоз аз даромад ва эъломия оид ба вазъи молумулкии худ» иваз карда шаванд.

6. Дар ном ва матни моддаи 31 калимаҳои «Эъломиякунонии даромадҳо ва вазъи молумулкии» ба калимаҳои «Эъломиякунонии андоз аз даромад ва вазъи молумулкии» иваз карда шаванд.

Моддаи 2. Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Проект

Постановление
Правительства Республики Таджикистан

О проекте Закона Республики Таджикистан «О внесении изменений в Закон Республики Таджикистан «О государственной службе»

В соответствии со статьей 58 Конституции Республики Таджикистан Правительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

Одобрить проект Закона Республики Таджикистан «О внесении изменений в Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» и представить на рассмотрение Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан

Ифомиелют 150421(АГС)

Проект

ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
«О ВНЕСЕНИИ ИЗМЕНЕНИЙ В ЗАКОН РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН «О ГОСУДАРСТВЕННОЙ СЛУЖБЕ»

Статья 1. Внести в Закон Республики Таджикистан «О государственной службе» от 5 марта соли 2007 (Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2007г., №3, ст.166; №6, ст.429; 2010г., №3, ст.158; 2011г., №6, ст.452; 2012г., №8, ст.834; №12, ч.1, ст.1008; 2013г., №7, ст.542; №12, ст.905; 2014г., №7, ч.2, ст.425; 2015г., №12, ч.1, ст.1106; 2016г., №3, ст.156; 2017г., №1-2, ст.28; ст.29; №5, ч.1, ст.290; 2018г., №7-8, ст.526; 2019г., №4-5, ст.225; 2020г., №1, ст.18) следующие изменения:

1. В абзаце четырнадцатом части 1 статьи 6 слово «ведомства» заменить словом «органы»;

2. Абзац второй части 3 статьи 13 изложить в следующей редакции:

«- сведения о сдаче декларации по подоходному налогу и декларацию об имущественном положении;».

3. Абзац восьмой статьи 16 изложить в следующей редакции:

«-осуждения за совершение умышленных преступлений или освобождения от уголовной ответственности за совершение умышленных преступлений по нереабилитирующим основаниям;».

4. В абзаце девятом статьи 16 и статье 31 слова «О борьбе с коррупцией» заменить словами «О противодействии коррупции».

5. В статье $17^1$ слова «декларации о доходах и об имущественном положении» заменить словами «декларации по подоходному налогу и декларации об имущественном положении».

6. В название и тексте статьи 31 слова «Декларирование доходов и имущественного положения» заменить словами «Декларирование по подоходному налогу и имущественного положения».

Статья 2. Настоящий Закон ввести в действие после его официального опубликования.

Президент
Республики Таджикистан

Ифомиелют 150421(АГС)